**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**ба диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Яке аз роҳҳои муфиди бой шудани таркиби луғавии забон забон калимасозӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи рушду инкишофи ин шохаи илми забоншиносӣ фасоҳату балоғати сухан таъмин мегардад. Маҳз барои ҳамин мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ» дар заминаи асари мондагони адиб вазъи таҳаввулу ташаккули калимасозиро муайян намуда, қобилияти суханпардозӣ ва ҳунари маъниофарии устод Айниро дар самти ба роҳ мондани қолабҳои гуногуни калимасозӣ ошкор месозад.

Муҳтавои диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Аз ин лиҳоз таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқиони соҳа дар як рада қарор гирифта, ҳусни таваҷҷуҳ ва эътирофи халлоқияти ҳунари нависандаро собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, доир ба масъалаи калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши вижагии калимасозии сифатро дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Садриддин Айниро дар сохтани вожаҳои гуногунсохту аз ҷиҳати маъно мухталиф муайян менамояд ва ҳамзамон саҳми адибро дар рушду инкишофи забони адабии тоҷик муайян месозад. Барои ба ин ҳадаф расидан кӯшиш шудааст, ки асари мавриди таҳқиқ қароргирифтаро аз нигоҳи

калимасозӣ таҳлилу баррасӣ намуда, вижагиҳои фарққунандаи қолабҳои калимаҳои сохташудудаи адибро ошкор созад.

Унвонҷӯй Шаҳнозаи Турсунзода дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, бори нахуст дар забоншиносии тоҷик масъалаи калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор мегирад. Инчунин дар рисола ҳангоми баррасии масъалаи калимасозии пешванду пасвандҳо аввалин маротиба дар баробари такя намудан ба «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ва дигар сарчашмаҳои назариявии олимони тоҷику рус ва эронӣ, инчунин аз «Алмуъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ҳамчун манбаи илмӣ истифода намудем.

Аҳаммият ва арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ» пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомадаро дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ аз сарфи забони адабии ҳозираи тоҷик истифода бурдан мумкин аст. Аҳаммияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи рисола дар дарсҳои тахассусии мактабҳои олӣ, аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, махсусан калимасозӣ, навиштани навъҳои гуногуни корҳои илмӣ ба монанди кори курсӣ, рисолаҳои дипломӣ истифода мешавад.

Омӯзишу таҳқиқи калимасозии бар мабнои осори бадеии шоирону нависандагон ҷиҳати таъйини имконоти дар қолабҳои калимасозии маъмули таърихӣ то чи ҳад калимаҳои нав сохтани ин ё он нависанда ва бозгӯйи истеъдоди суханпардозии ӯ аҳаммияти бориз касб менамояд. Масалан, забон ва услуби асарҳои Садриддин Айнӣ аз лиҳози гуногунрангиву навгонӣ сарчашмаи пурғановати забони адабии муосири тоҷик шинохта шудааст. Мавриди ҳаллу фасл қарор додани осори адиб барои арзёбии ташаккули забони адабии ҳозираи тоҷик ибтикори саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Устод Садриддин Айнӣ барои тасвир намудани вазъи замон, ҳолати рӯҳӣ ва симои

қаҳрамонони осораш аз кулли имконоти калимасозии забони тоҷикӣ самаранок истифода намуда, дар баробари калимаҳои роиҷи забон вожаҳоеро мавриди корбаст қарор додааст, ки ба услуби фардии нависанда хос мебошанд.

Таҳқиқи ин мавзуъ бо назардошти таъмини ғановати таркиби луғавии забон, усулҳои имкониятҳои калимасозии сифат ва ҳунари адабӣ ва суханварии С. Айнӣ дар корбурди гурӯҳи мухталифи вандҳо, аз қабили пешванду пасванд, қолабҳои калимоти мураккаби пайвасту тобеи ба сифат мутааллиқ дорои аҳаммияти хос мебошад. Азбаски калимасозӣ ба ағлаби ҳиссаҳои нутқ рабт дорад, дар осори устод С. Айнӣ ҷойгоҳи калимасозиро дар аксари ҳиссаҳои нутқ метавон мушоҳида намуд. Масалан, дар "Ёддоштҳо" тамоми роҳу усулҳои калимасозии сифат, ҳам тавассути вандҳо ва ҳам навъи калимасозии сифатҳои мураккаб мутабаҳҳирона истифода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **20 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 8 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода таҳти унвони «Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Амлоев Аминҷон Ятимович**

26-уми майи соли 2025

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисорӣ, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail. ru

26-уми майи соли 2025.

**Имзои Амлоев Аминҷон Ятимовичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов Абдухамит Абдибосирович**

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru

«29» майи соли 2025